**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

***Ба ҳукми дастнавис***

**ТДУ 378.115+376**

**БОБОЕВА ГУЛБАҲОР ШАРИФОВНА**

# ТЕХНОЛОГИЯИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁНИ МАКОТИБИ ОЛӢ ЗИМНИ ТАЪЛИМИ СИЛСИЛАИ ФАНҲОИ ПЕДАГОГӢ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ

Ихтисос: 13.00.01– Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогӣ

**ХУҶАНД – 2021**

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ**: **Абдураҳимзода Қудратулло Саид,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Муқарризони расмӣ**: **Шарипов Фаридун Файзуллаевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Туев Шоҳин Шоевич-** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон

**Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Ҳимояи диссертатсия санаи «____»________соли 2021___, соати _00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 027 назди муассисаи давлатии таълимии” Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбек, 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи маркази муассисаи давлатии таълимии “ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбек, 1) ва сомонаи www.hgu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» __________ соли 2021 тавзеъ карда шуд.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ** **Бобоева С.Б.**

# I. ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Муҳиммияти мавзӯъ ва зарурати таҳқиқоти он.** Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият раванди азнавсозии низоми омодагии омӯзгорони оянда муҳиммияти махсусро касб кардааст. Таҷдиди низоми омодасозии омӯзгорон, пеш аз ҳама, ба такмили мундариҷа ва шаклҳои омодагии омӯзгорони оянда мувофиқгардонии онҳо ба амалияи ҷаҳонӣ, махсусан ташаккули салоҳияти иттилоотӣ таалуқ дорад, ки дар маҳорати сарфаҳм рафтан ба иттиллооти гуногуншакл, коркарди он дар алоқамандӣ ба фаъолияти минбаъда таҷассум меёбад.

Ба ин мақсад мундариҷа шаклҳои омодасозии омӯзгорони оянда ба фаъолияти минбаъда мавриди таҷдиди назар қарор гирифта, дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, хусусан роҳандозӣ кардани муносибати босалоҳият ислоҳоти ҷиддӣ амалӣ шуда мешавад.

Мувофиқи «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020», ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, Стандартҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ бояд дар асоси муносибати босалоҳият таҷдиди назар карда шаванд. Дар иртибот ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст:”... ба мо зарур аст, ки нисбат ба масъалаҳои таълиму тарбия, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо сайъу кушиши зиёд ба харҷ дода бо онҳо афзалият диҳем, тамоми имкониятҳоро барои таъмини таҳсилоти босифат истифода барем”.[1]

Дар ин шароит талаботи иҷтимоӣ ба ташкили корҳои мақсаднок доир ба ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ба вуҷуд меояд. Ин нукта дар асноди меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардидааст. ( Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» с. 2013, «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии касбӣ» с. 2003 . «Стратегияи миллии рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» с. 2007).

Аз ҷумла дар «Стратегияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» қайд гардидааст, ки «... навсозии мазмуни таҳсилот дар асоси гузариш аз модели донишандӯзӣ ба модели салоҳияти таълим сурат мегирад». Дар ҳуҷҷати мазкур тафсири ташаккули салоҳиятнокӣ оварда шудааст: «Таҳсилоти ба ташаккули салоҳиятнокӣ равонашуда, ки ҳадафу вазифаҳои таҳсилотро вобаста ба натиҷаи он муайян намуда, дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои асосии муҳассилинро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд».

Маълум аст, ки дар дилхоҳ таҳсилоти касбӣ яке аз вазифаҳои муҳим ҳалли масоили муайян намудани мафҳум, мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти касбӣ ба шумор меравад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017

Таҳқиқоти мо ба мавзӯи технологияи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои касбӣ, аз ҷумла салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ бахшида шудааст.

Натиҷаи ниҳоии омодасозии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот бояд на танҳо дар ҳосил намудани маҷмӯи донишу маҳорат ва малакаҳои муайян, балки дар ташаккули маҷмӯи салоҳиятҳои асосӣ низ ифода меёбад, ки ин дар фаъолияти оянда ба ҳалли масъалаҳои касбӣ мусоидат хоҳад кард.

Ин масъала азнавсозии мазмун ва технологияи таълими омӯзгорониояндаро аз ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳо то салоҳиятҳои гуногун талаб менамояд.

**Дараҷаи пажӯҳиши мавзӯъ.** Технологияи кредитии таҳсилот дар соҳаи маориф зуҳуроти нисбатан нав  ҳисоб меёбад. Муҳаққиқ Мирзоев Р.Р. доир ба масъалаҳои назарияи низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули салоҳияти муҳассилин чунин навишта аст:

“Дарки таҷрибаи ҷаҳонӣ ва истифодаи шаклҳои нави таълим боиси ба вуҷуд омадани як қатор диссертатсия ва монографияҳо гардиданд, ки ба масъалаҳои назарияи низоми кредитии таҳсилот ва ташаккули салоҳиятҳои муҳассилин марбутанд”.

Қисме аз онҳо ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои бунёдии силсилаи фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ дар низоми кредитии таҳсилот бахшида шудаанд.

Таҳқиқотҳои зеринро махсусан зикр кардан лозим аст. Журавлёв В.В. ва Журавлева А.А “Ҷанбаъҳои технологии ташаккули салоҳияти таълимию касбӣ дар шароити азнавсозии таҳсилот”, Л. А. Колмогоров “Ташаккули салоҳияти иртиботии шахсият”, Б.И. Крук “Бобҳои мунтахаби назария ва амалияи таҳсилоти фосилавӣ”, Э. Г. Скибитский “ Рушди салоҳияти забонию касбии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ”, Е. Н. Соломин ва Т. В. Шевирёв “Роҳҳои навгонии ташаккули салоҳиятҳои дидактикии олигофренопедагогҳои оянда дар раванди кор бо захираҳои замонавии таълимӣ  барои мактабҳои махсус”. Корҳои номбаршуда таҷрибаи муҳаққиқони зиёдеро дар соҳаи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ инъикос мекунанд.

Дар низоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон низ тағйироти назаррас мушоҳида мегардад. Педагогҳои машҳури ҷумҳурӣ – М. Лутфуллозода, Бобизода Ғ. “Салоҳияти таҳқиқотӣ ва мавқеи он дар низоми салоҳиятҳои асосӣ”, Қ.С. Абдураҳимзода, Х.Н. Фақеров, Т.А.Шукуров, Н.Н., Ф.Ф. Шарипов “Иттилоотонии Раванди таҳсилоти муассисаҳои олии касбӣ-асоси баланд бардоштани сифати омодагии мутахассисони оянда”, Н.Н. Шоев “Технологияҳои нави таълимию тарбиявӣ дар низоми таҳсилоти олӣ”, Х.М. Маҷидов, Ф.К.Раҳимов, С.Х.Ҳабибов, Н.С.Салимов, Р.Мирзоев, С.Туронов, М. Раҳмонқулов ва дигарон  равияҳои имконпазири татбиқи технологияи кредитии таҳсилот ва ташаккули салоҳияти касбӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Инчунин олимон Маҷидов Ҳ., Мирзоев Р.Р., Табаров М.А. технологияи кредитии таълим ва омилҳои асосии таъсиррасон ба афзудани сифати омодагии бакалаврҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.[1]

Таҳқиқоти Сангинов Н.С. ва Салимов Н.С. низ ба тафсири масъалаҳои таҳсилот дар низоми кредитӣ бахшида шудаанд.

Муҳаққиқон Мирзоев Р.Р. ва Рустамова Г.А. дар рисолаҳои худ вазъият, дурнамо, принсипҳо, вижагиҳо, воситаҳои ташаккули салоҳияти касбии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нуқтаи назари омода намудани омӯзгорон ба фаъолияти педагогӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот бахшида шудаанд.

Ниматов Н.А. дар таҳқиқоти худ ҷараён ва мазмуни ташаккули салоҳияти касбии муовини директор, рушди он дар раванди педагогиро баррасӣ намудааст.

Умарова Б.Х. доир ба самаранокии педагогии ҳавасмандии фаъолияти донишҷӯён дар шароити технологияи кредитии таҳсилот ва Раҳмонқулов М. доир ба ташаккули сифатҳои касбии бакалаврҳо дар шароити низоми кредитии таҳсилот таҳқиқот анҷом додаанд.

Низоми меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дараҷаҳои ташкили фаъолияти ҷустуҷӯӣ-эҷодии донишҷӯён бо ҷалби маводи зиёди назариявӣ аз ҷониби Хусанова Т.К. пешниҳод шудааст.

Дар таҳқиқоти Гулова Н.А. оид ба асосҳои психологию педагогии ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, унсурҳои салоҳияти педагогӣ ва категорияҳои он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Ихтилофот барои анҷом додани таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки имкониятҳои муосири иқтимоӣ иқтисодӣ, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин равандҳои ҷаҳонишавӣ талаб мекунанд, ки нақши раванди таълиму тарбия дар самти омода намудани донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ мусоидат мекунанд. Хусусан ҷори намудани маҷмӯи шаклу воситаҳои ташкили таълим ба асосноккунии махсуси назариявӣ эҳтиёҷ доранд. Дар шароити ҷамъияти имрӯза ҳангоми интихоби шакл ва методҳои таълим маҳдуд шудан ба бозгуӣ ё интиқоли донишҳои нав иктифо кардан мувофиқи матлаб нест. Аз ин рӯ, зарурати истифодаи мақсаднок ва самараноки дигар шаклҳои ташкили раванди таълим, чун технологияҳои кредитӣ, муносибати босалоҳият, ташаккули салоҳияти иттилоотӣ пеш омадааст. Махсусан дар низоми кредитии таҳсилот таълими силсилаи фанҳои педагогӣ муносибати навро тақозо дорад, ки онҳо имконияти бештари ташаккул ва рушди салоҳияти иттилоотӣ, ки дар ниҳоят муносибати босалоҳиятро ба омодагии омӯзгорони оянда муайян мекунад. Дар низоми омодагии омӯзгорони оянда дар шароити ҳозира мухолифати гуногун вуҷуд дорад, ки дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

-мавҷудияти стандартҳои қатъии таҳсилот ва мувофиқан ба он нақшаҳои ягонаи таълимӣ, барнома ва китобҳои дарсӣ, ки ба рушди салоҳияти иттилоотӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи он кам мусоидат мекунанд;

-муқаррароти қатъии силлабусҳо нисбат ба шаклҳои кори таълимӣ, ки муносибати эҷодии омӯзгоронро нисбат ба интихоби шаклу методҳои гуногуни кор бо сарчашмаҳои иттилооти таълимиро маҳдуд мегардонад ва зарурати татбиқи намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ оид ба рушди салоҳияти касбӣ.

**Мақсади таҳқиқот**: баррасии принсипҳо, вижагиҳо ва воситаҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар раванди таълими фанҳои силсилаи педагогӣ дар шароити технологияҳои кредитии таҳсилот

**Объекти таҳқиқот**: ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Предмети таҳқиқот**: вижагиҳои мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар донишҷӯёни макотиби олӣ ҳангоми таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот.

**Фарзияи таҳқиқот.** Вобаста ба мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, таҳлили адабиёти мавҷуда, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони донишгоҳҳои педагогӣ имкон медиҳад фарзияеро пешниҳод намоем, ки ташаккул ва рушди салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда бо риояи шартҳои зерин имконпазир аст:

- ташаккули салоҳияти иттилоотӣ аз дуруст муайян кардани моҳият ва технологияи тайёрии касбии омӯзгорони оянда дар шароити кредитии таҳсилот вобаста аст;
- асоснок намудан ва бунёди муҳити таълимӣ, ки самаранокии татбиқи технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёнро таъмин менамояд;
- амсиласозӣ ва татбиқи таҷрибавии технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар раванди таълим;
- таҳияи технологияи муназами ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён ва малакаҳои кори онҳо бо сарчашмаҳои иттилооти таълимию методӣ доир ба фанҳои силсилаи педагогӣ;

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- муайян кардани вижагиҳои ташаккули салоҳияти иттилооти зимни таълими силсилаи педагогӣ дар низоми салоҳиятҳои умумикасбӣ;
- таҳлили тавсифи қиёсии технологияи анъанавӣ ва кредитии таҳсилот аз нуқтаи назари ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён;
- аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани зарурати дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорату малакаҳои кор бо сарчашмаҳои ахбор дар технологияи кредитии таҳсилот;
- таҳияи нишондиҳандаҳо ва тавсифи салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда ;
- коркарди мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти омӯзгорони оянда дар раванди кор бо иттилоот ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** ғояҳои пешқадами инкишофи шахсият (Б.Г. Ананев, Б.Ф. Ломов, К.К. Платонов, Г.П. Шедровитский ва диг.), ғояи рушди шахсият дар сохтори намудҳои гуногуни фаъолият (М.Н. Берулава, Л.В. Лидак, И.Н. Семёнов, В.И. Слободчиков, Л.О. Степанов ва диг.), ғояҳои бунёдии Ж. Пиаже, Д. Дюи, Г. Гарднер, Б. Блум, Л.С. Виготский, Б.Ф. Ломов, Э.Г. Юдин, А.В. Петровский ва дигарон, ки тибқи онҳо рефлексия дар маҷмӯъ бо нуқтаи назари серҷанбагӣ ва серомилии детерминантҳои системавию сохторӣ баррасӣ мегардад.

**Асоси методологии таҳқиқот** ба консепсияи фалсафии таҳсилот, ба назария ва мундариҷаи таҳсилоти касбӣ ва назарияи илмии истифодаи технологияҳои нав дар ташаккули салоҳияти касбӣ такя мекунад. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот нишондодҳои асноди ҳуқуқию меъёрии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба инобат гирифта шуданд. (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «Стандарти давлатии таҳсилот»).

**Методҳои таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот методҳои зерин истифода гардиданд:

- омӯхтани асноди меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти олӣ ва низоми кредитии таҳсилот;
- таҳлили педагогию психологии ҳуҷҷатҳои барномавию методӣ оид ба мавзӯи диссертатсия;
-таҳлили назариявии адабиёти психологию педагогӣ, ки ҳолати имрӯзаи технологияи кредитии таҳсилот ва ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёнро инъикос менамояд;
- таҳқиқи таҷрибаи пешқадами педагогию ватанӣ ва хориҷӣ оид ба татбиқи таҳсилоти кредитӣ ва ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён;
- методҳои мушоҳида, мусоҳиба, анкетагузаронӣ;
- мушоҳида, омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ доир ба ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён;
- ба роҳ мондани таълими таҷрибавӣ ва озмоишӣ, таҳлил ва тафсири натиҷаҳои таҷрибаи озмоишӣ.
- методҳои омории коркарди маълумоти натиҷаҳои озмоиш.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**:

- мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда муайян гардида, нишондодҳо ва тавсифи мундариҷаи салоҳияти иттилоотӣ, сохтор ва мазмуни малакаҳои кори донишҷӯён бо иттилооти таълимӣ ошкор ва асоснок гардид;
- сохтори маҷмӯи таълимию методӣ аз рӯйи фан, бо назардошти усулу шаклҳои кор бо маводи иттилоотии таълимӣ аз нуқтаи назари ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён таҳия ва коркард гардид;
- мазмун ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар раванди таҳсилоти донишҷӯёни равияҳои педагогӣ асоснок ва муайян карда шуд;

- технологияи самараноки ташаккули малакаҳои донишҷӯён дар кор бо маводи иттилоотии таълимӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар амалия коркард ва пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар коркарди маҷмӯи шартҳои ташкили муҳити таълимӣ оид ба ташаккули малакаҳои донишҷӯён дар кор бо иттилоот дар шароити технологияи кредитии таҳсилот, ошкор ва асоснок кардани шаклу методҳои самараноки кор бо маводи иттилоотӣ дар ҷараёни таълим ва асосноккунии назариявии шаклу намудҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо мазмуни таълимӣ ба мақсади ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ифода меёбанд.

**Арзиши амалии кор** дар он аст, ки натиҷаҳои он ба ворид намудани мундариҷа ва технологияи кори донишҷӯён бо иттилооти таълимию методӣ имконият медиҳад, ки ба ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда мусоидат хоҳад кард.

**Пойгоҳи озмоишии таҳқиқот.** Дар татбиқи таҷрибавии кори таҳқиқотӣ ду донишгоҳе, ки асосан омода намудани омӯзгорони ояндаро амали мекунанд интихоб шуда буданд. Инҳо - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буданд.

**Марҳалаҳои асосии таҳқиқот:**

**Дар марҳалаи якум** (солҳои 2012-2014). Ҳолати масъала омӯхта шуда, адабиёти психологию педагогӣ оид ба мавзӯъ, асноди меъёрие, ки низоми кредитии таҳсилотро танзим мекунанд, мавриди таҳлили хосса қарор гирифт ва дастгоҳи илмии таҳқиқот таҳия гардид. Мафҳуми «ташаккули салоҳияти иттилоотӣ» мухтасар ифода шуд. Мундариҷаи ташаккули малакаҳои зарурии кори донишҷӯён бо иттилооти таълимӣ аниқ гардида технологияи ташаккули он таҳия карда шуд.

**Дар марҳалаи дуюм** (солҳои 2015-2016) омӯзиши ҳолати ибтидоӣ ва мувофиқсозии малакаҳои таҳқиқшавандаи кор бо иттилоот, дараҷаи инъикоси онҳо дар нақшаву барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ ба роҳ монда шуд; бо мудирони кафедраҳо ва омӯзгорон анкета гузаронида, мусоҳибаҳо доир ба методу усули таълим ва адабиёти истифодашаванда дар донишгоҳҳо анҷом дода шуд; мазмуни корҳои таҷрибавию озмоишӣ муайян карда шуд; методикаи ташаккули малакаҳои таҳқиқшаванда асоснок ва коркард гардид.

**Дар марҳалаи сеюм** (солҳои 2017-2020) татбиқи таҷрибавию озмоишӣ доир ба санҷиши мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттлоотӣ ва ошкор намудани самаранокии он, коркарди маълумоти ҳосилшуда, тафсири онҳо дар асоси таҳлилу ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада гузаронида шуд. Ба намудҳои гуногуни озмоиш 746 нафар, аз ҷумла, 675 донишҷӯ ва 71 омӯзгори ду муассисаи таҳсилотии олии касбӣ, ки ба омода намудани омӯзгорон машғуланд, ҷалб гардиданд.

**Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба он асос меёбад, ки ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои пешгузошташуда, методҳои истифодашудаи таҳқиқот имкон доданд, ки натиҷаҳои асосноки воқеии тавассути санҷиши

озмоишии фарзия ва таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати педагог ба даст оварда шавад.

**Саҳми муаллиф,** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ масъалаҳои вазъи имрӯзаи масоили омодагии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар назария ва амалияи илми педагогика, салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятҳои умумикасбии омӯзгорони оянда , сохтор ва мундариҷаи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар низоми кредитии таҳсилотро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Тасвияи фарзия, муайян намудани вазифаҳои таҳқиқот, коркарди мавод барои гузаронидани озмоиши педагогӣ, иштироки бевосита дар татбиқи таҷрибавии технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён, ҷамъбасту хулосабарориҳои мустақим аз натиҷаҳои кори озмоишӣ ва тафсири илмии ин натиҷаҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

**Ба ҳимоя қазияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:**

1. Таҳқиқоти махсус ташкилкардашуда оид ба мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда зимни раванди таълими фанҳои силсилаи педагогӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот.
2. Мундариҷа ва технологияи кори донишҷӯён бо сарчашмаҳои ахбор дар шароити кредитии таҳсилот, нишондиҳандаҳо, тавсиф ва мундариҷаи салоҳияти иттилоотии донишҷӯён – омӯзгорони оянда.
3. Барномаи кории таълимии таҳиягардида бо назардошти супориш, шакл ва метоҳои кор бо сарчашмаҳои иттилоот чун воситаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ мувофиқи сохтори маҷмуаи таълимию методӣ аз фанни педагогика.
4. Мундариҷаи махсустаҳияшуда, бунёди муҳити таълим фазои иттилоот ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими фанҳои силсилаи педагогӣ.
5. Натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ доир ба ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён зимни таълими фанҳои силсилаи педагогӣ.

**Озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии кор ва хулосаҳо дар ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявию байналхалқӣ пешниҳод карда шудаанд.

Кор тибқи нақшаи КИТ, ки дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба роҳ монда шудааст, иҷро гардидааст. Ҳама маводи корҳои озмоишӣ, коркарду таҳлили натиҷаи онҳо дар кафедраи педагогика ва психология бо иштироки бевоситаи худи муаллиф гузаронида шудааст. Муҳтавои корҳои таҳқиқотӣ дар 22 номгӯи интишороти муаллиф аз ҷумла 8 мақола дар нашрияҳои мансуб ба номгӯи нашрияҳои асосии илмии тақризшаванда, ки КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст, инчунин 14 мақола дар дигар нашрияҳои ҷумҳурӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ нашр расиданд.

**Соҳаи таҳқиқоти диссертатсия** ба мундариҷаи бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ( илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад;

Банди 4 – Назария ва консепсияҳои таҳсилот (технологияҳои таълимӣ; консепсияҳои рушди таъминоти таълимию методии раванди таълим ва воситаҳои таълимӣ).

Банди 6 – Консепсияҳои таҳсилот (равандҳои инноватсионӣ дар таълим)

Банди 7 – Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот)

Ҳамчунин мазмуни диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси муҷовири 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ мувофиқат мекунад:

Банди 3 – такмили сохтори омодагӣ ва бозомӯзии касбӣ дар шароити таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ.

Банди 5 – рушди метод, шакл, восита, методика ва технологияҳои омодагии касбии мутахассисон.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат аст. Мазмуни рисола дар 150 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардидааст. Дар матн 8 ҷадвалу 4 расм оварда шудааст. Феҳристи адабиёт аз 156 номгӯй иборат мебошад.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддимаи кор** муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот асоснок гардида, шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши мавзӯъ оварда шудааст. Ҳамчунин объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор таҳия гардида, асоси методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии таҳқиқот, марҳалаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалии кор, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мухтасар баён гардидаанд.

**Дар боби якум – «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот»,** ки аз 3 банд иборат аст, адабиёти назарӣ ва амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба ташаккул додани салоҳияти касбӣ шарҳ дода шудаанд.

**Дар банди аввал**, тавзеҳи умумии ҳолати имрӯзаи масоили омодагии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар назария ва амалияи илми педагогика пешниҳод гардидааст. Маълум аст, ки рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамроҳшавӣ ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ муайян мегардад. Тибқи Консепсияи рушди таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли таҳсили 2015-2016 гузариши

пайдарпайи омодасозии мутахассисон дар низоми кредитии таҳсилот ба охир расид.

Ҷараёни амалигардонии низоми кредитии таҳсилот масъалаи ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ташаккули касбии омӯзгорони ояндаро ошкор намуд. Дар ин самт ташаккули салоҳияти иттилоотӣ мавқеи махсусро ишғол мекунад, чунки ҷараёни таълимро дар тӯли тамоми ҳаёт таъмин месозад ва яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Аҳамияти ин ҳолат дар он аст, ки барои муассисаҳои таълимӣ ва умуман барои ҷомеа мутахассисоне лозиманд, ки салоҳияти касбиро дар сатҳи баланд азхуд кардаанд, дар шароити гуногун ба ҳалли масоили ҳаррӯза қодиранд ва маҳорати ташкил кардани фаъолияти худро доир ба худомӯзӣ доранд.

Дар шакли умум “...салоҳиятнокӣ маҷмӯи қобилиятҳо, сифату хусусиятҳои шахсият буда, барои фаъолияти бомуваффақонаи касбӣ заруранд”.

Таҳқиқоти олимон собит месозанд, ки ташаккули салоҳияти касбӣ ҷараёни идорашавандаи ташаккули кордонии касбист ва омӯзишу худомӯзии касбиро дар назар дорад.

Худи салоҳияти касбӣ масъалаҳои азнавсозии таҳсилотро ҳал карда наметавонад. Ин муносибат ҷараёнҳои нави сохториро тавлид месозад. Салоҳияти касбӣ ба рушди тафаккури системавии интиқодию эҷодии донишҷӯён имкон медиҳад. Ҳамзамон, ба мазмуни фанҳои таълимӣ ва методикаи таълим ворид кардани ислоҳот зарур аст.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалӣ доир ба ҷорӣ кардани низоми кредитии таҳсилот нишон медиҳад, ки дар татбиқи муносибати босалоҳият ихтилофҳои зерин мавҷуданд:

- зарурат ба ташкили ҷараёни таълим дар асоси муносибати босалоҳият ва коркарди сохту мазмуни салоҳияти касбии омӯзгорони оянда;
- талабот ба ташкили муназзами ҷараёни ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён ва асосноккунии нокифояи илмии технологияи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот;
- зарурат ба баланд бардоштани сифати омодагии салоҳияти омӯзгорони оянда ва коркарди нокифояи барномаву дастурҳои методӣ.

Қаноатманд набудан аз чунин ҳолат дар асри XX Консепсияҳои сершумори алтернативии таълимро ба вуҷуд овард, ки бо пажӯҳишҳои ҷиддии назариявӣ ва принсипҳои таҳқиқоти амалӣ асоснок гардидаанд.

Ҷустуҷӯйи шаклҳои нави таълим – чи тавре ки муҳаққиқ Р.Р. Мирзоев қайд мекунад, ба тавлид ва ташаккули технологияи кредитии таълим барои гирифтани маълумот оварда расонид.

Дар диссертатсия намунаи барномаи таълимии фан, сохтори он ҳамчун ҳуҷҷати асосии таълимию методӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи нишондодҳои низоми кредитии таҳсилот коркард гардидааст. Ба сифати намуна сохтору мазмуни силлабусҳои фанҳои таълимӣ баён гардида, баъдан, намунаи силлабус доир ба фанни педагогика оварда шудааст, ки дар

кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав коркард гаштааст.

Усули коркарди иттилоот ҳавасмандсозӣ ба фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти донишҷӯёнро дар назар дорад. Дар онҳо муошират аз рӯйи низоми донишҷӯ-омӯзгор, донишҷӯ-донишҷӯ, донишҷӯ-ахбори таълимӣ мавҷудияти супоришҳои ҳатмии эҷодӣ, аксаран вазифаи хонагӣ мушоҳида мегардад.

Нақшаи тақвимӣ-мавзӯии курс аз рӯйи ҷадвали дар поён овардашуда тартиб дода мешавад.

Ҷадвали 1.

| № т/р | Салоҳиятҳо (Мақсадҳо) | Мазмун (мавзӯъ) | Тақсимоти шаклҳои кор | | | | Адабиёт |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Назариявӣ | КМРО | Мазмуни кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳнамоии омӯзгор (КМРО) | Мазмуни кори мустақилонаи донишҷӯён (КМД) | |
| 1 | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | |

**Дар параграфи дуюм, ки «Салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятҳои умумикасбии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот»** ном дошта, салоҳиятҳои имрӯза барои донишҷӯён тавзеҳ ёфта, мафҳум ва тавсифи салоҳияти иттилоотӣ мушаххас гардонида шудааст.

Масъалаҳои кордонии касбӣ ва салоҳияти касбӣ дар даҳсолаи охир мавриди диққати махсуси илми психология қарор доранд (Е.А. Климов, Н.В. Кузмина, А.К. Маркова, Л.М. Митина, Ю.П. Поваренков, Н.С. Пряжников, А.А. Реан ва дигарон). Аммо дар аксари ҳолатҳо муҳаққиқон бо омӯзиши сифатҳои муҳимми касбӣ, ташаккулу арзёбии онҳо маҳдуд мегарданд. Чандон равшан нест: инсон чун кордон, чун субъекти фаъолияти касбӣ ё салоҳиятнок аз ҷиҳати психологӣ кист, аз ҷиҳати психологӣ аз дигар одамон бо кадом хусусиятҳояш фарқ мекунад. Аксаран маҳдудиятҳои салоҳияти касбӣ ва кордонӣ, аз ҷумла нисбат ба фаъолияти омӯзгор мушобеҳ мегарданд.

Қисми заруру таркибии кордонии касбии шахс салоҳияти касбӣ мебошад. Масъалаи салоҳияти касбӣ дар осори олимони ҷаҳон баррасӣ ёфтааст. Муносибати имрӯза ва шарҳи салоҳиятҳои касбӣ гуногунанд. Таърифоти салоҳияти касбӣ чун «дониши амиқ», «ҳолати дурусти иҷро кардани масъала», «қобилият ба иҷрои актуалии фаъолият» ҳоло дар адабиёти психологию педагогӣ арзи вуҷуд доранд (G.K. Britell, R.M. Jueger, W.E. Blank ва дигарон) ва мазмуни ин мафҳумро ба таври пурра дода наметавонанд.

Мафҳумҳои маҳорати касбӣ ва салоҳиятнокиро мушобеҳ дониста, Л.Н. Болотов ва В.С. Леднёв ба самти амалии салоҳиятҳо ва хусусияти тасвирии салоҳиятнокӣ ишора мекунанд. Тафовути асосии маънои ин мафҳумҳо дар

осори В.И. Байденко, А.С. Белкин, И.А. Зимняя, С.Г. Молчанов, Г.К. Селевко ва дигарон дарҷ ёфтааст.

Кордонии касбӣ чун хусусияти махсуси одамон, ки дар шароити гуногун мунтазам, самаранок фаъолияти мураккабро ба ҷо меоранд, фаҳмида мешавад. Дар мафҳуми кордонии касбӣ аз ҷониби шахс чунин дараҷаи азхудкунии сохтори психологии фаъолияти касбӣ инъикос меёбад, ки ба стандарту талаботи дар ҷомеа мавҷуда мувофиқат менамояд. Барои ҳосил кардани кордонии касбӣ, қобилиятҳои мувофиқ, хоҳиш ва хислат, омодагӣ ба пайваста омӯхтан ва такмил додани маҳорати худ заруранд. Мафҳуми кордонии касбӣ, танҳо бо тавсифоти меҳнати баландихтисос маҳдуд намегардад: ин ҷаҳонбинии махсуси инсон низ мебошад.

А.К. Маркова чаҳор намуди салоҳияти касбиро ҷудо мекунад:

1. Ихтисосӣ ё салоҳияти фаъолияти касбӣ азхудкунии фаъолиятро дар сатҳи баланди касбӣ дар назар дошта, на танҳо мавҷудияти донишҳои ихтисосӣ, балки маҳорати амалигардонии онҳоро низ дар бар мегирад.

2. Салоҳияти иҷтимоии касбӣ бо азхудкунии тарзҳои фаъолияту ҳамкориҳои якҷояи касбӣ, ки дар ҷомеаи касбӣ бо усули муоширати касбӣ қабул гардидааст, тавсиф меёбад.

3. Салоҳияти шахсияти касбӣ азхудкунии тарзҳои худифодакунӣ ва худинкишофдиҳӣ, воситаҳои мухолифат ба ноҷӯриҳои касбиро дар назар дорад. Ба он, инчунин, қобилияти банақшагирии фаъолияти касбии худ, қабули мустақилонаи қарорҳо, диди проблема мансуб аст.

4. Салоҳияти инфиродии касбӣ азхудкунии тарзҳои худтанзимкунӣ, омодагӣ ба рушди касбӣ, пайваста ба худомӯзӣ машғул шудан, мавҷудияти ҳавасмандии устувори касбиро мефаҳмонад. Ҳамзамон, Т.А. Сваталова номгӯи салоҳиятҳои асосии омӯзгоронро тартиб додааст.

**Дар параграфи сеюм** сохтор ва мундариҷаи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот қайд гардидааст, ки донишҷӯйи имрӯза дар қатори донишу маҳорат ва малакаҳои фаннӣ боз ба салоҳиятҳое ниёз дорад, ки онҳоро барои ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ ва масъалаҳои шахсии хеш на дар оянда, балки худи ҳозир истифода мебарад. Аз ин рӯ, маҳз донишгоҳ барои дар донишҷӯён ташаккул додани ин салоҳиятҳо ёрӣ мерасонад.

Муносибати босалоҳият тақозо мекунанд, ки омӯзгорони оянда дар раванди таълим бо салоҳияти касбӣ мусаллаҳ гардонида шаванд, ки асоси фаъолиятиояндаи онҳоро ташкил медиҳанд.

Чун дар ҷумҳурии мо имрӯзҳо тибқи дастури Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати босалоҳият роҳандозӣ мегардад, масъалаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани он ва дарёфти роҳҳои татбиқи он мавриди таҳқиқи олимони соҳаи педагогика, махсусан, ходимони илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А. Ҷомӣ, Маркази татбиқи муносибати босалоҳият, кормандони Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, устодони муассисаҳои олии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор доранд. Оид ба ин масъала академикҳо М. Лутфуллозода ва Ғ. Бобизода қайд кардаанд, ки

«...баъзеҳо масъалаҳои салоҳияту салоҳиятнокиро омехта мекунанд, маҳдуд мефаҳманд, ки боиси сар задани ғалатҳои дигар мегарданд». Ин муаллифон ақидаҳои олимон М.И. Скаткин, И.П. Подласий, Н.В. Боздовская, И.Ф. Исаевро таҳлил намуда, салоҳиятро ба қобилиятҳо, сазовору лоиқ ва шоиста будан мансуб медонанд.

Муҳаққиқони мазкур ҳангоми муқаррар ва таъин намудани салоҳиятҳои муҳассилин, салоҳиятҳои имрӯзаро номбар ва тавсифи қобилияту маҳоратҳои мансуб ба онҳоро хеле хуб тавзеҳ додаанд. Дар баробари салоҳиятҳои иҷтимоӣ-иртиботӣ, мустақилият, тафаккури интиқодӣ, таҳқиқотӣ, тафаккури эҷодӣ, салоҳияти ахборӣ ё иттилоотиро ба ташаккули чунин маҳорату қобилиятҳо тавсиф додаанд.

Салоҳияти иттилоотӣ доштан, яъне муҳассил қобилият дорад, ки ахбори зарурир аз сарчашмаҳои гуногун самаранок ҷустуҷӯ ва дарёфт кунад; ахбори сарчашмаҳои гуногунро муқоиса ва таҳлил намояд; ахборро тағйир диҳад, ба нақша дарорад, дар ҷадвалҳо тасвир кунад; аз рӯйи сифатҳо ба низом дарорад; аз ахбори хурд матни калон тартиб диҳад; ё матнро мухтасар баён кунад.

Ин олимон муносибати босалоҳиятро ҳамчун равияи таълим мепазиранд, ки мо ба ақидаи эшон мувофиқем. Ҳангоми корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ маҳз ба он такя намуда, дар сохтори низоми кредитии таҳсилот аз таъиноту муқарраротi онҳо оид ба салоҳияти иттилоотӣ истифода бурдем. Муҳаққиқи дигар С. Тӯронов роҳҳои татбиқи муносибати босалоҳиятро дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ баррасӣ намудааст. Он кас таърифи салоҳиятнокиро пешниҳод менамояд: «Салоҳиятнокӣ хосият (сифати) шахсе мебошад, ки тадрисро дар сатҳи муайяне, ки асоси омодагии ӯро барои фаъолияти бобарор ифода мекунад, ба хатм расонидааст».

Салоҳият ва салоҳиятнокии касбии омӯзгорро аз инҳо иборат медонад: дониши касбӣ; донишу фаҳмишҳо дар бораи технологияи педагогӣ; таълими фан; тарбия; рушд; маҳорат, малака, қобилияти касбӣ; қобилиятҳои ҳамкорӣ; омӯзиши манбаъҳои илмӣ-методӣ; донишафзоӣ, такмили маҳорат; намоиши фаъолият, таҳлилу баҳодиҳӣ ба фаъолияти шогирдон ва ғайра.

Муҳаққиқ С. Туронов нақши омӯзгорро дар ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён махсус таъкид намуда, қайд мекунад, ки ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён аз маҳорати педагогии омӯзгор вобаста аст. Ӯ менависад, дар натиҷаи соҳиб шудан ба салоҳияти иттилоотӣ донишҷӯ метавонад: «...дар асоси иттилооти интиқодӣ ба хулосаи бошуурона бирасад; мустақилона мақсад гузошта онро асоснок намояд, ба нақша гирад ва барои ҳалли мақсад ва натиҷаҳои он фаъолияти маърифатӣ анҷом диҳад; мустақилона иттилоотро интихобу пайдо карда, таҳлил намояд, масъалаҳои муҳим ва асосиро интихоб карда тавонад, вобаста ба мақсади гузоштааш тағиру шарҳ диҳад, дар ҷараёни фаъолият аз воситаҳои гуногуни техникӣ, аз ҷумла аз воситаҳои муосири иттилоотӣ истифода барад; аз далел ва хулосаҳои мантиқӣ истифода бурда, иттилоотеро кор ва пешниҳод кунад; маводи иттилоотиро ба низом дарорад ва далелҳои айнан ва мазмунан нақлшударо таҳлилу таркиб,

ҷамъбаст кунад, натиҷаи иттилоотро дар фаъолияти амалии худ истифода барад».

Аз нуқтаи назари педагогӣ салоҳиятнокиро чун натиҷаи дилхоҳи таҳсил, вақте ки шахс маҷмӯи салоҳиятҳоро азхуд мекунад, шарҳ додан мумкин аст. Ҳар як салоҳияти алоҳида (дар мисоли мо салоҳияти иттилоотӣ) на маҷмӯи одии донишу малакаҳои қаблан гирифташуда, балки маҷмӯи мураккаби амалҳоеро, ки ҳамкориро талаб менамоянд, дар бар мегирад.

Дар шумори салоҳиятҳои муосир ва тавсифоти қобилияту маҳоратҳои донишҷӯён, ки дар ҷараёни таълим ташаккул меёбанд мухтасар оварда шудаанд, салоҳиятҳои иттилоотиро бо тавсифи муфассал манзур намудаем:

**Салоҳияти иттилоотӣ ин:**

- самаранок ҷӯстану ёфтани иттилооти зарурӣ аз сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла Интернет, бо иловаи системаи ҷустуҷӯйӣ ва базаи маълумот;
- муқоиса ва таҳлил кардани сарчашмаҳо;
- ёфтани ғалатҳо дар иттилооти гирифташуда;
- бошуурона хондан: ҷудо кардани қисмҳои асосии матн, тартиб додани конспектҳо, мураттаб сохтани саволҳо ба матни хондашуда, ёфтани ҷавобҳо;
- ба сохтор даровардани иттилоот, хаттӣ тасвир кардани онҳо (ба шакли нақша, ҷадвал, графикҳо, диаграммаҳо ва ҳ.к.);
- ба низом даровардани иттилооти пешниҳодшуда аз рӯйи аломатҳо (тақсим кардани ахбор дар асоси меъёрҳо);
- аз ахбори пешниҳодгардида чудо кардани маълумот, ғояву алоқаҳо ва шарҳ додани онҳо;
- кушода додани иттилоот (аз ахбори кӯтоҳ тартиб додани матни калон);
- мухтасар кардани иттилоот (навиштани хулоса);
- баҳодиҳӣ ба иттилооти пешниҳодшуда;
- истифодаи иттилоот, муайян кардани ҳудудҳои корбурди он;
- табдил додани иттилоот ба дониш, самаранок нигоҳ доштан, истифода бурдан, интиқол додани дониши гирифташуда ба дигарон ва ҳ.к.

Низоми кредитии таҳсилот маҳз ба ташаккули ин салоҳиятҳо равона карда шудааст. Бояд қайд кард, ки таҳлили байниилмии проблемаи рушди шахсият педагогикаро ба хулосабарории зерин водор менамояд: ҷараёни педагогӣ ҳар қадар бештар унсурҳои таҳсили ба шахсият нигаронидашударо дошта бошад.

Барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ усули кор бо ахбори таълимӣ албатта муҳим аст, вале интихоби матн, мундариҷа ва сохтори он низ барои идрок ва фаҳмиши донишҷӯён зарур мебошад.

Бо кадом восита чӣ ва чӣ гуна дарки маводро ташкил мекунем ва қобилияти кории донишҷӯёнро нигоҳ доштан мумкин аст, муфассал пешниҳод гардидаанд.

Чӣ тавре маълум аст, барои азхуд кардани мавод дарк ва фаҳмиши самараноки ахбори таълимӣ таъсир мерасонанд.

Чунин омилҳои идроки самарабахши ахбори таълимиро барои донишҷӯён ҷудо кардан мумкин аст:

Якум, хусусиятҳои ахборро, ки онҳо ҷалби диққати донишҷӯёнро таъмин мекунанд, ҷудо кардан даркор аст.

Дуюм, шаклу сохтори пешниҳоди ахбореро истифода бояд кард, ки он барои қабул шавқовар бошад.

Сеюм ин фаҳмиши омилҳоест, ки ба муносибати донишҷӯ ва омӯзиши ахбор таъсир мерасонанд.

Омилҳое, ки фаҳмиши иттилооти таълимиро таъмин менамоянд:

Хусусиятҳои иттилоот:

- моҳият ва мундариҷаи иттилоот ошкоро, фаҳмо, дақиқ аст;
- баъзе калима, истилоҳ ва нишонаҳои шартӣ маънидод шудаанд;
- мазмуни аслӣ ҳангоми баёни фикр ифода мегардад;
- дар бораи савол ва мавзӯъҳо маълумоти ҳаматарафа дода шудааст;
- ахбори мушаххас ва хулосавӣ дода шудааст ва ғайра.

1. Шаклу сохтори иттилооти ҷолиб:

- алоқамандии байни далелҳо оварда шудаанд;
- робита бо иттилооти пешазхудшуда, мавҷуд аст;
- иттилоот ба қисмҳои алоҳида тақсим карда шудааст;
- қисмҳои алоҳидаи иттилоот ба низом оварда шудааст;
- иттилооти шифоҳӣ дар шакли нақшаҳои гуногун (мантиқӣ, хулоса, системавӣ, сохторӣ) тасвир шудааст.

2. Муносибати донишҷӯ ба иттилоот:

- дарки алоқаю муносибатҳои дохилӣ дар иттилоот;
- ҳалли масъалаҳои проблемавӣ, маърифатии гуногун;
- иҷрои фаъолиятҳо доир ба қиёс, таҳлил, таркиб, хулосабарорӣ, таснифот, басистемадарорӣ ва ғайра;
- истифодаи усули хаёлоти эҷодӣ;
- истифодаи шаклҳои робита ва рефлексия.

Дарк ва фаҳмиши иттилоот на ҳамеша фавран, балки бештар баъд аз кӯшиши фурӯ рафтан ба умқи он ба амал меояд. Мазмун ҳамон вақт пайдо мешавад, ки:

- дар иттилоот алоқамандии маълумоти пешина вуҷуд дошта бошад ва донишҷӯ онро бо таҷрибаи пешинааш пайваст намуда тавонад;
- донишҷӯ муносибати муназзам (бонизом)-ро истифода карда метавонад, имкон фароҳам меояд, то ӯ ҳудуд ва таъиноти иттилоотро фаҳмад;
- ба донишҷӯ бо иттилооти нав амалӣ кор карданро пешниҳод кунанд;
- ба донишҷӯ имкон диҳанд, то маълумоти гирифтаашро эҷодкорона тавассути тасаввурот ва хаёлот кор карда бароянд;
- ба донишҷӯ имкони ифода кардани ақидаи шахсӣ (ҳиссиёт ё арзиш) ва муҳокима кардани онро бо шарикдарсаш диҳад.

Дар хулосаи боби якум қайд гардидааст, ки дар ҷараёни амалигардонии низоми кредитии таҳсилот ҷустуҷӯйи роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии ташаккули касбии омӯзгорони оянда мавқеи хос дорад. Ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар ин самт мавқеи махсусро ишғол

мекунад, чунки ҷараёни таълими муттасилро таъмин месозад ва яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таълимии олии касбӣ, махсусан аз рӯйи ихтисосҳои педагогӣ маҳсуб меёбад.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёт ва таҷрибаи татбиқи низоми кредитии таҳсилот ошкор гардид, ки дар ин низом роҳандозӣ намудани муносибати босалоҳият бамаврид аст, ки аз чунин шароит бармеояд:

- ташкили ҷараёни таълим дар асоси муносибати босалоҳият ба коркарди сохту мазмуни салоҳияти касбии омӯзгорони оянда алоқаманд аст;
- ташкили муназзами ҷараёни ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён ба асосноккунии илмии технологияи ташаккули салоҳиятнокӣ дар шароити низоми кредитии таҳсилот вобаста аст;
- барои баланд бардоштани сифати омодагии салоҳияти омӯзгорони оянда коркарди барномаву дастурҳои методӣ заруранд.

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ низоми арзишҳое дархост мешаванд, ки дар он мавҷудияти маҷмӯи дониш, маҳорат, малакаҳо зарур бошад ҳам, натиҷаи ниҳоии таҳсилот намебошанд. Истифодаи дурусти иттилоот, азхудкунии технологияҳои нав, худомӯзӣ, ҷустуҷӯ ва истифодаи донишҳои азхудшуда, талаб карда мешаванд.

Вазифаи мураккабтар коркарди меъёрҳо ва усули баҳодиҳӣ мебошад, ки аз рӯйи онҳо дар бораи сатҳи ташаккулёбии салоҳиятҳои донишҷӯ муҳокима рондан мумкин аст. Ба ақидаи мо, ин кори мушкил ва мураккабест ва ҳалли он, аз ҷумла, бо тағйирот дар стандартҳои таҳсилот ва нақшаҳои таълимӣ алоқаманд мебошад, ки дар боби дуюм дар атрофи онҳо андеша ва муҳокимаҳои худро пешниҳод намудаем.

**Боби дуюм «Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таҳсилот»** масъалаҳои амалии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии донишҷӯёнро инъикос мекунад, дар он аз ҷумла мақсад, вазифаҳо, арзёбӣ ва шарҳи натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оварда шудаанд.

Ҳангоми таҳлили барномаҳои омода намудани омӯзгорони оянда ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятҳои касбӣ, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, такя намудем.

Бо мақсади муайян намудани инъикоси ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар нақша, барнома ва китобҳои дарсии кафедраҳои ба таҳқиқот фарогирифташудаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, онҳоро мавриди омӯзиш қарор додем.

Мақсади омӯзиш ошкор намудани вазъияти омодагии омӯзгорони оянда бо роҳи таҳлили мундариҷаи барнома ва методҳои истифодашаванда, такмили раванди омодагии омӯзгорон тавассути ворид намудани тағйироту иловаҳо ба барномаҳои таълимӣ буд.

Дар давраи таҳқиқот мо Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ (ДДОТ) ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро (ДДБ ба номи Носири Хусрав), ки ба масъалаи тайёр кардани

омӯзгорон машғуланд, ҳамчун базаи таҳқиқот қарор додем. Дар давоми таҳқиқот мутахассисони донишгоҳҳои номбурда, яъне мудирони кафедраҳо барномаҳои таълимии худро аз рӯйи меъёрҳои пешниҳоднамудаи мо таҳлил намуданд.

Барои таҳқиқоти барномаи таълимии донишгоҳҳо, қадами аввал аз таҳқиқи муфассали вазъияти имрӯзаи барномаи таълимии донишгоҳҳо коркарди тавсияҳо барои беҳтар кардани вазъият иборат буд. Ба раванди таҳлили барномаҳои таълим, пеш аз ҳама, санҷиши сохтори ҳуҷҷатҳо, мақсаду вазифаҳои онҳо, мазмуни ҳуҷҷатҳо, методикаи таълими мазмун, методикаи арзёбии дастовардҳои омӯзишии донишҷӯён, чи тавре ки дар худи ҳуҷҷатҳо қайд шудааст, меъёрҳо барои арзёбии дастовардҳои касбӣ ва мазмунӣ ҳар як фанни таълимии донишҷӯён ва маводи таълимию омӯзишӣ, ки ба донишҷӯён ва омӯзгорон барои истифода дар раванди таълим тавсия шудааст, дохил карда шуда буд.

Таҳлили барномаи таълим дар давоми соли таҳсили 2014-2015 гузаронида шуд.

Барои таҳлили нақшаи стандартӣ ва барномаи таълимии донишгоҳҳо як қатор меъёрҳои махсус истифода шуданд. Меъёрҳо мутобиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар бахши такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, инчунин ҳадафи таҳқиқоти мо, ки аз коркарду пешниҳод намудани тавсияҳо барои татбиқи методу усули коркарди ахбор ва ташаккули салоҳиятҳои иттилооти иборат мебошад, интихоб гардиданд.

1. Аз худ кардани маҳорати банақшагирии дарс бо истифода аз муносибати босалоҳият.

2. Муайян карда тавонистани алоқамандӣ байни салоҳиятҳо дар Стандарти давлатӣ ва нақшаи дарс.

3. Таҳияи мақсадҳои дарс барои ноил шудан ба салоҳият:

- дар шакли натиҷаҳои ниҳоӣ, ки донишҷӯён бояд ба даст биёранд (дар категорияи умумӣ ва соҳаҳои махсуси дастовардҳо таҳия мешаванд, яъне мақсад ва зермақсадҳо);

- дар асоси меъёрҳои (Smart) мушаххас, ченшаванда, татбиқшаванда, мувофиқ ва бо вақти муайян;

- дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия гардидаанд.

4. Шинос будан бо назарияҳои асосии таълим.

5. Омӯзиш ва татбиқи усули дарёфти иттилоот бо мақсади ташаккул ва рушди самараноки салоҳиятҳои иттилоотӣ.

6. Омӯзиш ва дар амал истифода бурдани маҳорати таҳияи супориш (масъалагузорӣ) тартиб додани саволҳое, ки аз донишҷӯён малакаҳои кор бо иттилооти таълимиро талаб мекунад.

7. Омӯзиши усулҳои гуногуни коркарди иттилоот ва мавридҳои ба таври самаранок истифода намудани онҳо.

8. Эътироф ва мавриди истифода қарор додани натиҷаҳои методҳои рушди салоҳияти иттилоотӣ бо мақсади самараноктар гардонидани раванди омӯзиш.

9. Аз рӯйи меъёрҳо арзёбӣ кардан ва фарқ карда тавонистани

малакаҳои кор бо иттилооти таълимӣ ва арзёбии дастовардҳои таълимии донишҷӯён.

10. Омӯхтани шаклҳо, усули фаъолияти донишҷӯён оид ба рушди салоҳияти иттилоотӣ.

Методу усули гузаронидани таҳқиқот:

Ба мудирони кафедраҳо барои таҳлили Барномаи таълимиашон як қатор усули таҳқиқот пешниҳод карда шуд, ки дар зер оварда шудаанд:

1) таҳлили барномаҳо аз рӯйи 10 меъёре, ки дар боло тавсиф шуданд;

2) саволнома барои мусоҳиба бо аъзои кафедра;

3) меъёрҳои таҳлили адабиёти мавҷуда.

Мудирони кафедраҳо бо истифода аз меъёрҳои пешниҳодшуда ҳар як қисмати барномаи таълимро санҷида мувофиқатии онҳоро ба меъёрҳо таҳлил намуданд ва ба қисматҳои зерин диққат доданд:

1) Сохтори умумӣ ва мазмуни асосии барномаи таълим, ифодаи методу усули кор бо сарчашмаҳои иттилооти таълимӣ.

2) Методикаи ташкили фаъолияти донишҷӯён доир ба ташаккул додани салоҳияти иттилоотӣ, ки дар барномаи таълим муайян шудааст.

3) Адабиёти зарурӣ, ки дар барномаи таълим тавсия шудааст, бо иловаи адабиёти дар китобхонаи донишгоҳ мавҷудбуда, инъикоси методҳои кор бо иттилооти таълимӣ.

Ҳамин равияҳо ба сифати меъёрҳои шарҳи адабиёти мавҷудбуда, барномаҳо ва маводи таълимӣ истифода шудаанд. Барои таҳлили барномаҳои таълим як зумра меъёрҳо истифода шудаанд, ки интихоби онҳо ба мақсади рушди салоҳияти иттилоотӣ вобаста буданд. Аз ин ҷо, мақсади таҳқиқот пайгирӣ намудани ҳолати ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар низоми кредитии таҳсилот ва имконияти ворид намудани методу усули кор бо сарчашмаҳои иттилоот буд. Ин меъёрҳо имкон доданд, ки барномаҳои таълимиро аз нуқтаи назари самаранокии шинос намудани донишҷӯён бо усули кор бо сарчашмаҳои иттилоот, татбиқи муносибати босалоҳият, технологияи рушди салоҳияти иттилоотӣ дар шароити таҳсилоти кредитӣ таҷдиди назар намоем.

Ҷадвали 2.

Таҳлили барномаҳо ва адабиёти таълимии истифодашаванда дар муасссаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ

| **Меъёрҳои таҳлил** | **Натиҷаҳои таҳлил** |
|---|---|
| 1. Омӯхтани масъалаҳои банақшагирии дарс дар асоси муносибати босалоҳият | Аз 2 то 14 соат ҷудо шудааст |
| 2. Алоқамандии мақсадҳои омӯзиш бо салоҳиятҳо дар стандартҳо ва нақшаҳои дарсӣ | Дар ин ҷузъиёт хеле суст инъикос ёфтааст |
| 3. Таҳияи мақсадҳои таълимӣ, ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти донишҷӯён рушди салоҳияти иттилоотӣ дар асоси меъёрҳои мушаххасӣ, ченшавандагӣ ва ба донишҷӯ равонашуда | На дар барнома ва на дар китобҳои дарсӣ инъикоси худро наёфтаанд ва аз ҷониби омӯзгорон низ истифода намегарданд |
| 4. Оё донишҷӯён бо назария ва методикаи кор бо иттилоот шинос ҳастанд | Назарияҳои умумии методҳои таълим бе алоқамандӣ ба амалияи мактабҳо омӯхта |

| | |
|---|---|
| | мешавад |
| 5. Омӯхтан ва истифодаи методҳои интерактивии таълим, шаклҳои коркарди иттилоот | Дар ҳаҷми 2-4 соат донишҷӯён шинос мешаванд, аммо машғулияти амалӣ ба ин мавзӯъ ҷудо нашудааст |
| 6. Қобилияти донишҷӯён дар таҳияи супориш ва саволҳо оид ба рушди салоҳияти иттилоотӣ | Таҳияи саволҳо оид ба аз худ кардани матнҳо баррасӣ мегардад, аммо онҳо ба рушди самараноки салоҳияти иттилоотӣ мусоидат намекунанд. |
| 7. Методҳои гуногуни коркард, арзёбӣ ва истифодаи самараноки иттилооти таълимӣ | Танҳо тестҳо, саволҳои бахотироварӣ истифода мешаванд |
| 8. Истифодаи амалии натиҷаҳои арзёбии фаъолияти донишҷӯён оид ба рушди салоҳияти иттилоотӣ дар раванди таълим | Омӯхтани шаклҳои гуногуни арзёбии ташаккули салоҳияти иттилоотиро барномаҳои таълимӣ пешбинӣ намекунанд |
| 9. Арзёбии дастовардҳои таълимии донишҷӯён аз рӯйи меъёрҳои таҳияшудаи малакаҳои кор бо иттилооти таълимӣ | Оид ба баъзе ихтисосҳо мавзӯъҳои алоҳидаи наздик ба ҳамин масъала дохил карда шудааст |
| 10. Масъалаҳои идораи самараноки ҷараёни таълим ва синф | Ин масъала махсус омӯзонида намешавад |

Натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки қариб ҳамаи меъёрҳои таҳияшуда дар барномаҳои таълимӣ хеле суст инъикос ёфтаанд ва ё ба таври кофӣ риоя намегарданд.

Ҳамин манзара аз натиҷаи пурсиши омӯзгорони кафедраҳои мавриди таҳқиқ мушоҳида гардид.

Ҷадвали 3

Натиҷаи мусоҳиба бо омӯзгорони кафедраҳо

| № | Саволҳо / ҷавобҳо | ДДОТ | % | ДДБ | % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | То чӣ андоза Шумо дар машғулиятҳоятон методҳои коркарди иттилоотро истифода мекунед? | Гоҳ-гоҳ | 58% | Гоҳ-гоҳ | 27% |
| 2. | Методҳои кор бо иттилооти таълимии истифодабурдаатонро номбар кунед? | Ҳалли проблемаҳо | 54% | Дар ҷавоб душворӣ кашиданд | 80% |
| 3. | Оид ба методҳои коркарди иттилооти таълимӣ аз кадом сарчашмаҳо истифода мебаред? | Аз модулҳои таълимии ташкилотҳои байналмилалӣ | 50% | Аз китобҳои дарсӣ оид ба методика | 84% |
| 4. | Оё Шумо оид ба методҳои гуногуни коркарди иттилоот ва самаранокии онҳо шинос ҳастед? | Начандон | 47% | Шинос нестам | 51% |
| 5. | Аз рӯйи кадом сарчашмаҳо дар бораи технологияи коркарди иттилоот маълумот пайдо кардед? | Наомӯхтаам | 31% | Ҷавоб нест | 28% |
| 6. | Ғояи асосии ташаккули салоҳияти иттилоотӣ кадом аст? | Кори мустақилонаи фардӣ бо китоб | 20% | Ҷавоб нест | 48% |
| 7. | Шумо дар синфхона кадом принсипҳои рушди салоҳияти иттилоотиро истифода мекунед? | Кори фардӣ (омӯзиши мустақилона аз сарчашмаҳои | 21% | Намедонам | 26% |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | иттилоотӣ) | | | |
| 8. | То кадом андоза Шумо дар бораи арзёбии малакаҳои кор бо иттилоот маълумот доред? | Нокифоя | 43% | Тасаввурот надорам | 30% |
| 9. | Барои беҳтар шудани сифати ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ чиро тағйир додан лозим аст? | Китобҳои дарсӣ, барномаҳо ва технологияҳои таълимро | 24% | Барномаҳо ва китобҳои дарсиро | 18% |
| 10. | Ба кадом шакли такмили ихтисос оид ба самаранок ташкил кардани машғулиятҳо ниёз доред? | Омӯзишҳо оид ба истифодаи технологияҳои замонавии таълим | 50% | Банақшагирӣ ва идораи раванди таълим | 64% |

Таҳлили адабиёти таълимӣ, ки омӯзгорону донишҷӯён истифода мебаранд чунин натиҷа доданд:

- 64% нашри то соли 1992;
- 78% нашри то соли 2000;
- 24% дар даҳсолаи охир чоп шудааст;
- 36% адабиёти таълимӣ ба забони русӣ;
- 68% ба забони тоҷикӣ.

Таҳлили пурсишнома муайян намуд, ки аксарияти иштирокчиёни пурсиш бо методҳои рушди салоҳияти иттилоотӣ, усули коркарди иттилоот, усулҳои самараноки рушди салоҳияти иттилоотӣ ва арзёбии малакаҳои кор бо иттилооти таълимӣ «шинос нестанд». Ҳамин натиҷаҳо ҳангоми шарҳи барнома ва маводи таълимии истифодакардаи донишгоҳҳои омӯзгории дар боло зикршуда, аён гардиданд, яъне бо чунин номгӯ мавзӯъҳо мавҷуд нестанд. Натиҷаи таҳлил ошкор сохт, ки дар нақшаҳои таълимӣ омӯхтани назарияи методҳои рушди малакаҳои иттилоотӣ дар нақшаҳои таълим инъикос ёфтаанд, вале ба меъёрҳои ҷавобгӯйи замона мувофиқ нестанд. Иштирокчиёни пурсиш пешниҳод намуданд, ки усули гуногуни кор бо иттилооти таълим дар мундариҷаи ҳамаи фанҳо дохил карда шаванд. Инчунин онҳо муносибати навро ба такмили барномаҳои таълимии донишгоҳҳои омӯзгорӣ оид ба рушди салоҳиятҳои касбӣ, аз ҷумла салоҳияти иттиллоотӣ таъкид намуданд.

Натиҷаи пурсиш ва ҷавоби иштирокчиёни пурсиш аз он шаҳодат медиҳад, ки дар татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим, бо як қатор сабабҳо мушкилӣ пеш меорад:

- аксарияти омӯзгорон бо технологияҳои таълим оид ба муносибати босалоҳият шинос нестанд;
- фарогирии омӯзгорон ба курсҳои такмили ихтисос, ки ҷавобгӯйи замони ҳозира бошад, маҳдуд аст;
- дастрас набудани маълумоти гуногундараҷа аз сарчашмаҳои гуногун оид ба муносибати босалоҳият ба омӯзгорон;
- номуназзам истифода бурдани методҳои рушди салоҳияти иттилоотӣ;
- дастрас набудани адабиёт ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, барои низоми таҳсилоти кредитӣ;
- нарасидани адабиёти таълимӣ барои донишҷӯён.

Маълумоти дар боло овардашуда шаҳодат медиҳанд, ки:

1. Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳар сурат нисбат ба муносибати босалоҳият ва технологияҳои рушди салоҳияти касбӣ, нисбат ба Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав огоҳии зиёд доранд (58% дар муқобили 27%);

2. Ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ тавонистанд, ақаллан ба саволҳое, ки кадом методҳои коркарди иттилоотро истифода мебаранд, ҷавоб диҳанд, дар ҳоле, ки 80%-и омӯзгорони ДДБ дар ҷавоби саволҳо душворӣ кашиданд;

3. Чунин ба назар мерасад, ки ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ дар бораи муносибати босалоҳият ва методҳои рушди салоҳияти иттилоотӣ маълумоти бештар доранд, дар ҳолате, ки омӯзгорони ДДБ асосан оид ба матнҳои китобҳои дарсии нашршуда саволу ҷавоб мекунанд, машқу мисол ҳал менамоянд;

4. Инчунин нофаҳмӣ ва духӯрагӣ нисбат ба методҳои ба ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён равонашуда, вуҷуд дорад, ки кормандони ҳарду донишгоҳ ҳам ҷавобҳои гуногун доданд: 51%-и омӯзгорони ДДБ ҷавоб доданд, ки дар бораи ин методҳо умуман маълумот надоранд;

5. Ҳанӯз ҳам, фаҳмиш дар бораи методҳои ташаккули салоҳияти арзёбии иттилоотӣ дар ҳарду донишгоҳ кофӣ нест;

6. Нуқтаи назари зиёди кормандони донишгоҳ дар бораи беҳтар кардани сифати таълим махсусан ҷорӣ ва истифодаи методҳои рушди салоҳияти иттилоотиро дар тағйир додани нақшаи таълим ва китобҳои дарсӣ мебинанд;

7. Кормандони ҳар ду донишгоҳ ҳам муҳим ва зарур будани ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён ва такмили ихтисоси омӯзгорони донишгоҳҳоро дар ин самт эътироф мекунанд.




Расми 1. Огоҳии омӯзгорон оид ба методҳои интерактивӣ ва технологияи рушди салоҳияти иттилоотӣ.

Дар хулосаи таҳлили адабиёт ва пурсишномаи омӯзгорони кафедраҳои мавриди санҷиш қарорёфта, мудирони кафедраҳо оид ба такмили нақшаи стандартии корӣ ва барномаҳои таълим як қатор тавсияҳо пешниҳод намудаанд, ки хулосаи тавсияҳои мудирони кафедраҳоро бо мақсади беҳгардонии ҷараёни таълим дар рафти кори таҷрибавӣ истифода намудем.

Дар параграфи дуюм мазмун ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар низоми кредитии таҳсилот тавзеҳ ёфтааст.

Яке аз талаботи асосӣ ба омодагии касбӣ аз ҳамин ҷо бармеояд: ҷараёни таълим бояд на танҳо ба додани ҳаҷми муайяни ахбор, инчунин ташаккули тафаккури пурмаҳсул дар донишҷӯ, рушди салоҳияти иттилоотӣ, инкишофи нерӯи зеҳнӣ тобеъ бошад. Ҳалли ин вазифаҳо бе салоҳияти иттилоотии ташаккулёфта, надонистани таҳлили мантиқии ахбор ва коркарди ҳамаҷонибаи он ва дар асоси онҳо доштани қобилиятҳо барои бунёдкории эҷодкорона имконнопазир аст. Бе шакку шубҳа ин талаботро ба мундариҷаи ҷараёни таълим, ки ба омодагии касбии омӯзгорони оянда низ иртибот дорад, метавон нисбат дод. Татбиқи ҳамаҷонибаи ин талабот бо ташкили кори мустақилонаи донишҷӯ бо иттилооти таълимӣ алоқаманд аст, ки яке аз роҳҳои амалигардонии ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда мебошад.

Дар рафти корҳои таҷрибавӣ бо омӯзгорони кафедраҳои ба таҳқиқот фарогирифташуда, аз Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар ҳаҷми 48 соат семинари омӯзишӣ оид ба технологияи кор бо иттилооти таълимӣ баргузор намудем.

Дар параграфи сеюм таҷрибаи бевоситаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар оид ба ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар машғулиятҳои таълимӣ бо донишҷӯён ҷамъбаст гардидааст.

Аз ҷумла, ҳангоми хондани курси лексионӣ бевосита дар аудитория бо роҳи гузаронидани экспресс-пурсиш аз мавзӯъҳои мушаххас, супориши назорати тестӣ, пурсиши донишҷӯён дар шакли бозии Чӣ?, Дар куҷо?, Кай? ва ғайра, аксари азхудшавии маводро назорат намудем. Аз ҷумла, ҳамчун намуна технологияи лексияи проблемавӣ дар мавзӯи «Намудҳои мутобиқшавӣ. Мушкилоти мутобиқшавӣ ба мактаб ва роҳҳои бартараф кардани онҳо»-ро муфассал овардаем. Дарс аз рӯйи технологияи мазкур имкон дод, ки фаъолии фикрӣ дар давоми пешниҳоди тамоми маводи асосӣ нигоҳ дошта шавад.

Дар дарсҳои амалӣ ва семинарӣ навъҳои гуногуни кори мустақилонаи донишҷӯён бо иттилооти таълимӣ истифода бурда шуданд, ки ҷараёни омӯзиш боз ҳам шавқовар гашта, фаъол будани аксарияти донишҷӯён дар гурӯҳ таъмин гардид.

Усули интерактивии коркарди иттилоот барои таъмини сифати дониш ва рушди салоҳияти иттилоотии донишҷӯён дар раванди омодагии касбии донишҷӯён хизмат карда метавонанд.

Шарти асосии фаъолии донишҷӯён дар коркарди иттилооти таълимӣ, ҳавасмандӣ ба он мебошад. Таҳлили адабиёти мавҷуда оид ба ин масъала ва

таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки шавқи мусбат ба рушди шахсияти муҳассил натиҷаи самарабахш медиҳад.

Дар рафти таҳқиқоти мо дар раванди таълим омӯзгорон методу усулҳоеро истифода бурданд, ки онҳо донишҷӯёнро ба таври фаъол кор кардан бо иттилооти таълимиро ҷалб намуданд. Ҳарчанд таълим ба таври гуногун ва дар вазъиятҳои гуногун сурат мегирад, вале натиҷаи ниҳоии омӯзиш моҳиятан муқаррар намудани натиҷаи интизоршаванда барои ҳар донишҷӯ баҳри рушди донишандӯзӣ, мустақилӣ, эҷодкорӣ ва ташаккули салоҳияти касбӣ, аз ҷумла, иттилоотиро дар назар дошт.

Дар баробари ин, чунин фаъолиятҳои таълимию маърифатии донишҷӯён ташкил карда мешуд:

– фаъолиятҳое, ки донишҷӯён барои худ донишҳоро «кашф» намоянд санҷанд ва онҳоро ба худомӯзию эҷодкорӣ ҳавасманд намоянд:

– фаъолиятҳое, ки малакаҳои баланди фикррониро аз донишҷӯён талаб мекунанд ва равандҳои таҳлил, таркиб, қиёс, арзёбӣ ва хулосабарориро фаро мегиранд;

– фаъолиятҳое, ки ҳисси инфиродӣ ва худшиносӣ, мустақилият ва ташаббускории донишҷӯёнро ташаккул медиҳанд.

Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо оид ба ташаккули ҳавасмандӣ дар рушди салоҳияти иттилоотӣ мо нишонаҳои фаъолияти якҷояро ба асос гирифта, аз кори Л.В. Жаров истифода намудем.

Бо татбиқи низоми кредитии таҳсилот технологияи таълим аз рӯйи модулҳо ҷорӣ карда шудааст.

Мо технологияи таълимро аз рӯйи модулҳои С.Я. Батишев ҳамчун татбиқи раванди таълим бо роҳи тақсим намудани мундариҷаи таҳсилот ба низоми амалҳои барои касби оянда зарур, ки муҳассилин барои расидан бар натиҷаҳои банақшагирифташуда иҷро мекунанд, маънидод намудем.

Дар рафти таҳқиқот мо якчанд фаъолиятҳоро бо донишҷӯён анҷом додем, ки мушоҳида ва таҳлили амалияи педагогӣ ва таҳияи модели (тарҳи) рафтори донишҷӯён дар фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ ташкил карда шуд. Баъд аз омӯхтани мавзӯи «Принсипҳои тарбия» чунин мақсад гузошта шуда буд, ки донишҷӯён аҳамияти риояи принсипҳои тарбияро дар амалияи кори омӯзгор арзёбӣ мекунанд. Барои расидан ба ин мақсад ба донишҷӯён супориш дода шуд, то дар як чорабинии тарбиявии яке аз мактабҳо (зери роҳбарии омӯзгор) иштирок карда, аз натиҷаҳои мушоҳида дар бораи риояи принсипҳои тарбия хулосаҳои худро нависанд.

Дар машғулияти кори мустақилонаи донишҷӯ зери роҳбарии омӯзгор (КМРО) мизи мудаввар гузаронидем. Дар рафти он чунин масъалаҳо баррасӣ гардиданд. Чаро натиҷаи тарбия самаранок нест? Оё ҳамаи принсипҳои тарбия аз ҷониби мураббиён риоя мегардад? Чаро? Ин ба чӣ вобастааст? Агар Шумо ин чорабиниро мегузаронидед чӣ гуна тағйирот ворид мекардед?

Оид ба мавзӯи «Методҳои тарбия» дар машғулияти КМРО мубоҳиса дар гурӯҳҳои хурди иборат аз 4-6 нафар гузаронида шуд. Ба ҳар гурӯҳ ҳалли масъалаи дараҷаи мушкилии гуногун супорида шуд.

**Ба гурӯҳи якум масъалаи дараҷаи мушкилии паст:**

- яке аз методҳои тарбияро интихоб, бартарӣ ва маҳдудияти татбиқи онро дар амалияи педагогӣ арзёбӣ намоед.

**Ба гурӯҳи дуюм масъалаи дараҷаи мушкилии миёна:**

- як вазъияти педагогиро интихоб, бартарӣ ва маҳдудиятҳои истифодаи методи мушаххас ро арзёбӣ намоед.

**Ба гурӯҳи сеюм масъалаи дараҷаи мушкилии баланд:**

- хусусиятҳои татбиқи методҳои тарбияро таҳқиқ ва шарҳ диҳед.

Чунин тарзи донишомӯзӣ дар машғулиятҳои КМРО имкон доданд то донишҷӯён-омӯзгорони оянда:

– дарк намоянд, ки эътимод ва таҷрибаҳои шахсии ҳар омӯзгор ба кори умум таъсир мерасонад, бинобар ин, барои рушди салоҳияти иттилоотӣ, ки ба фаъолияти касбии ояндаашон бевосита алоқаманд аст, имкониятҳои гуногунро ҷустуҷӯ намояд;

– таҷрибаҳои худро дар худбаҳодиҳӣ тавассути гирифтану додани фикру мушоҳидаҳои дутарафа аз тарафи худ ба ҳамкурсон ва баръакс бо ҳадафи нишон додани афзалиятҳои ин раванд мубодила намоянд;

– мушкилоти раванди таълиму тарбияро дарёфт намоянд ва барои ҳалли он тадбирҳо ва тағйирот тарҳрезӣ карда, маводи иловагиро мутолиа кунанд, захираҳои худиро дар шакли бонки иттилоот ҷамъоварӣ намоянд.

Дар баробари он арзёбии ҷараён ва натиҷаҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ оварда шудаанд.

Объекти асосие, ки баррасӣ намудем, истифодаи усулҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар машғулиятҳо буданд. Вобаста ба он ки низоми арзёбии таълимӣ бояд ба такмили самара ва сифати объекти арзёбишаванда равона шуда бошад, пеш аз ҳама, ҷузъҳои раванди таълим баррасӣ шуданд, ки воқеан ба тағйироти он таъсир расонидан мумкин буд. Ҷузъи асосии ин «раванд», ки ба он таъсир расонидан мумкин аст, аз ҷониби омӯзгор ташкил кардани фаъолияти таълимӣ аз рӯйи фан ва истифодаи методҳои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ мебошанд.

Мушоҳидаи машғулиятҳои омӯзгоронро чун ҷузъи маҷмӯи арзёбии сифати таълим ва истифодаи методҳои интерактивӣ бо мақсади ташаккули салоҳияти касбӣ гузаронидем.

Мушоҳидаи машғулиятҳо, пеш аз ҳама, ба таҳияи тавсияҳо, ёрӣ ба омӯзгор алоқаманд буда, ба ҳадафҳои зерин равона карда шуда буданд: баланд бардоштани сифати таълим; рушди касбии омӯзгор, такмили ихтисоси ӯ; ташкили муоширати касбӣ ва таҳлили коллективонаи касбӣ бо мақсади такмили раванди таълим.

Варақаи мушоҳида ва арзёбии машғулиятҳо панҷ фасли меъёрҳоро дар бар мегирифт:

1) ташкили машғулият (бо назардошти таҳлили нақшаи машғулият);
2) таълим (омӯзиш);
3) муҳити таълим ва ифодаи мавқеи инсондӯстонаи омӯзгор;
4) ташкил ва инкишофи мустақилияти донишҷӯён (омӯзиш);
5) мониторинг ва арзёбӣ.

Натиҷаҳои сифатию миқдорӣ якдигарро пурра карда, имкон доданд, ки вазъи машғулияти мушоҳидашударо ҳаматарафа ва пурра тасвир кунем.

Дар хулосаи боби дуюм натиҷагирӣ аз корҳои таҷрибавию озмоишӣ оварда шудаанд.

Мутахассисе, ки имрӯз дар донишгоҳ тайёр карда мешавад, бояд донишҳои гирифтаашро бо технологияи инноватсионӣ ба хонандагон интиқол дода тавонад, малакаҳои мустақилона дониш андӯхтан ва инкишофи доимии касбиро соҳиб бошад. Аз ин рӯ, ҷараёни таълими донишгоҳ бояд натанҳо ба интиқоли ҳаҷми муайяни ахбор, инчунин ташаккули тафаккури пурмаҳсул дар донишҷӯён, инкишофи неруи зеҳнии онҳо тобеъ бошад. Ҳалли ин вазифаҳо ба салоҳияти ташаккулёфтаи иттилоотӣ, донистани таҳлили мантиқии ахбор ва коркарди ҳамаҷонибаи он ва дар асоси онҳо доштани қобилиятҳо барои бунёдкории эҷодкорона вобаста аст. Татбиқи ин талабот ба ташкили омӯзиши донишҷӯён, фаъолияти бо иттилооти таълимӣ алоқаманд аст, ки яке аз роҳҳои амалигардонии ташаккули салоҳиятнокии иттилоотии омӯзгорони оянда мебошад.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Ҳадафи татбиқи таҳқиқот баланд бардоштани маҳорати методии ҳайати омӯзгорони кафедраҳои педагогика, психология ва методикаҳои хусусӣ бо назардошти истифодаи муносибати босалоҳият ва татбиқи методу усули коркарди иттилоот дар таълими донишҷӯён, тавсияҳои таълимию методӣ оид ба истифодаи шаклҳои фаъоли таълим иборат буд, то ин ки ҳангоми гузаронидани машғулият аз фанни худ технологияҳои замонавии таълимро истифода баранд, яъне дар амалияи воқеии педагогӣ муносибат ва моделҳои гуногуни тайёр намудани омӯзгорони ояндаро татбиқ намоянд. Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотиро истифода баранд. Мақсад аз он иборат аст, ки омӯзгорони оянда мутаносибан методҳои интерактивии таълим, методу усули коркарди ахборро дар амалияи кори худ ба сифати омӯзгор истифода кунанд.

Талабот ба баланд бардоштани маҳорати методии ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳои педагогика, психология ва методикаҳои хусусӣ, бо мақсади истифодаи методу усули коркарди ахбор дар таълими донишҷӯён бо як қатор сабабҳо афзудааст:

- паст рафтани нуфузи касби омӯзгорӣ, мавҷуд набудани ҳавасмандии хатмкунандагони ихтисосҳои омӯзгорӣ бинобар сабаби тайёрии пасти педагогию методӣ;

- низоми педагогии тайёр намудан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос имкон намедиҳад, ки ташаккули ҳайати профессорону омӯзгорон таҷдиди назар шавад, то ки ба такмили раванди таҳсилот ва истифодаи методҳои коркарди иттилоот қодир бошанд;

- маркази методии таҷдиди назар кардани мазмуну мундариҷаи таҳсилот ва технологияҳои таълим, татбиқи технологияҳои нави таълимӣ мавҷуд нест.

Ташаккули салоҳияти касбӣ, аз ҷумла салоҳияти иттилоотӣ, дар раванди татбиқи низоми кредитии таҳсилот мавқеи хос дорад, зеро он барои таъмини таълими муттасил мусоидат мекунад, ки яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои таълими равияи педагогӣ ба шумор меравад.

**Хулосаҳои умумӣ:** Таҳқиқот моро ба чунин хулосаҳо водор намуд:

1. Ғояи муносибати босалоҳиятро яке аз роҳҳои имконпазири ҳалли зарурати таъмини сифати таҳсилот донистан зарур аст;

2. Асоснокгардонии илмии технологияи ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, аз ҷумла салоҳияти иттилоотӣ, ба ташкили самараноки раванди педагогӣ мусоидат мекунад;

3. Коркарди барнома, дастурҳои таълимию методӣ барои баланд бардоштани сифати омодагии омӯзгорони оянда муҳиманд;

4. Истифодаи дурусти иттилоот, ки мазмуни салоҳияти иттилоотиро ташкил медиҳад, барои фаъолияти касбии омӯзгорони оянда шарти зарурӣ мебошад;

5. Муносибати босалоҳият дар таҳияи сохтори таълим ва мазмуну мундариҷаи таҳсилоти педагогӣ, ба коркарди салоҳиятҳои хос, аз ҷумла салоҳияти иттилоотӣ, алоқамандии зич дорад;

6. Дар низоми салоҳиятҳои умумикасбӣ салоҳияти иттилоотӣ, ки мо мавриди таҳқиқ қарор додем, аз он иборат аст, ки донишҷӯ амалҳои зеринро иҷро мекунад: ҷустуҷӯ ва дарёфти маълумот аз сарчашмаҳои гуногуни иттилоот; муқоиса намудани маълумоти дар сарчашмаҳои гуногуномада; мулоҳизакорона мутолиа кардан, яъне ҷудо карда тавонистани матн ба қисмҳои мантиқан тамомшуда, таҳияи саволҳо ба матни хондашуда, ёфтани ҷавоб ба онҳо; тағйир додани маълумоти матнӣ ба графикӣ ва ё баръакс; таснифоти ахбор аз рӯйи нишондиҳандаҳо; арзёбии иттилооти пешниҳодшуда, истифода бурдани иттилооти азхудшуда дар фаъолияти амалӣ ва ғайра;

7. Коркарди меъёрҳо ва усули баҳодиҳӣ, ки аз рӯйи онҳо дар бораи сатҳи ташаккулёбии салоҳияти иттилоотии донишҷӯён муҳокима рондан имконпазир аст.

**Пешниҳод ва тавсияҳо:** Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳад, ки баъзе тавсияҳоро пешниҳод намоем:

- зарур аст, ки барномаи таълимӣ ва нақшаҳои кории фанҳои силсилаи педагогӣ бо мақсади мувофиқкунонии он ба стандартҳои байналмилалӣ, истифодаи методу усули коркарди иттилоот таҳия ва такмил дода шаванд;
- дар барномаҳо методу усулҳои кор бо маводи таълимӣ барои ташаккули салоҳияти иттилоотӣ бо назардошти шаклҳои интерактивии таълим ҷой дода шаванд;
- барои омӯзгорони донишгоҳ курси такмили ихтисос оид ба татбиқи муносибати салоҳиятнок ва ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ташкил карда шавад;

- ташкил намудани роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон дар асоси меъёрҳои мушоҳида ва арзёбии сифати гузаронидани машғулиятҳо барои иштирок ба машғулиятҳои якдигар ва худтаҳлилкунии сатҳи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ташкил карда шавад;

- ҳангоми таҳияи нақшаҳои корӣ ба инобат гирифтани номгӯи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони оянда, аз ҷумла салоҳияти иттилоотӣ, барои такмили барномаҳои таълимии омодагии омӯзгорон зарур аст;

- шаклу методҳои таълими интерактивии донишҷӯён бо назардошти муносибати босалоҳият, ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ба ҷараёни таълим ворид карда шаванд;

- барои донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ курсҳои махсуси «Асосҳои маҳорати педагогӣ» ва «Технологияҳои замонавии таълим» ҷорӣ карда шаванд;

- машғулиятҳои кушод бо мақсади таъмини таҳсилоти мутассил ва баланд бардоштани маҳорати методии омӯзгорон ҷорӣ карда шаванд.

Ҳамин тариқ, дар ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгори оянда омӯзиши якҷоя, малакаҳои кор бо ахбори таълимӣ дар ташаккули салоҳияти иттилоотӣ мавқеи махсус дорад. Он бояд қисми таркибии ҳатмии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад. Ин шакли кор самаранокии раванди таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баланд мебардорад. Дар баробари афзудани самаранокии кор дар раванди таълим салоҳиятҳое ташаккул меёбанд, ки барои фаъолияти муваффақонаи педагогӣ лозиманд. Донишҷӯ-омӯзгори оянда метавонад тарзи омӯзиш, методу усулеро, ки дар раванди таълим аз худ кардааст, моҳирона дар фаъолияти амалии худ ба сифати омӯзгор истифода барад.

## III. РӮЙХАТИ КОРҲОИ ИЛМИЕ, КИ ОИД БА МАВЗӮИ ТАҲҚИҚОТИ ДИССЕРТАТСИОНӢ НАШР ШУДААНД

**а) дар нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои асосии илмии тақризшаванда, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳад:**

[1-М] Бобоева Г.Ш. Аҳамият ва тарзи ташкили дарси КМРО дар низоми таҳсилоти кредитӣ. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон [Матн] – Душанбе, 2012. №1 (44). – С. 321-326.

[2-М] Бобоева Г.Ш. Мундариҷа ва сохтори фаъолияти педагогии омӯзгор дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. №3/8 (182). – С. 200-209.

[3-М] Бобоева Г.Ш. Вазъияти омодагии омӯзгорон дар раванди таҳсилоти кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. №5 (66). – С. 21-26.

[4-М] Бобоева Г.Ш. Татбиқи амалии ташаккули салоҳияти ахборотии донишҷӯён дар низоми таҳсилоти кредитии донишгоҳи омӯзгорӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе, 2015. №3/11 (188). – С. 282-286.

[5-М] Бобоева Г.Ш. Ташаккули салоҳиятнокии ахборотӣ дар низоми салоҳиятнокиҳои умумикасбии муаллимони оянда тавассути методҳои интерактивӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2017. – С. 60-67.

[6-М] Бобоева Г.Ш. Инъикоси салоҳият дар таҳлилу арзёбии машғулиятҳои низоми таҳсилоти кредитӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2017. №1/4 (49). – С. 109-112.

[7-М] Бобоева Г.Ш. Таҳлил ва таҷдиди барномаҳои таълимии мактабҳои олии педагогӣ оид ба ташаккули салоҳияти ахборотӣ. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2018. №1/3 (55). – С. 106-111.

[8-М] Бобоева Г.Ш. Натиҷаҳои пажӯҳиш оид ба ташаккули салоҳияти иттилооти омӯзгорони оянда. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №1/4 (68). [Матн]. – Бохтар, 2019. – С. 98-101.

**б) Интишорот дар нашрияҳои дигар:**

[9-М] Бобоева Г.Ш. Ҳамбастагии мақсад ва натиҷаҳои ниҳоии таълим дар дарси педагогика / Бобоева Г.Ш. // Масъалаҳои равоншиносӣ ва омӯзгорӣ [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2010. №1, 2010. – С. 46-51. (ҳаммуаллиф).

[10-М] Бобоева Г.Ш. Роҳҳо ва усулҳои фаолгардонии донишҷӯён дар дарси педагогика / Бобоева Г.Ш. // Маводи Конфронсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (25-26 ноябри соли 2010). [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2010. – С. 11-16. (ҳаммуаллиф).

[11-М] Бобоева Г.Ш. Рушди тафаккури интиқодии донишҷӯён дар раванди таълими фанни педагогика /Бобоева Г.Ш.// Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (29-30 июни соли 2011). [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2011. - С. 82-85. (ҳаммуаллиф).

[12-М] Бобоева Г.Ш. Роҳҳо, тарзу усул ва талаботи асосии татбиқи низоми кредитии таҳсилот / Бобоева Г.Ш. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар мавзӯи «Фалсафа, фанҳои риёзию табиатшиносӣ ва таҳсилот: проблема ва дурнамоии онҳо». Бахшида ба 15-солагии ваҳдати миллӣ ва 50-солагии доктори илмҳои физикаю математика, Академики АИПИ ФР, профессор Абдулҳай Комилӣ. [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2012. – С. 5-8. (ҳаммуаллиф).

[13-М] Бобоева Г.Ш. Тарзу усули истифодаи маводи таълимӣ дар дарси педагогика / Бобоева Г.Ш. // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – омили асосии ваҳдат ва худшиносии миллӣ» (9-ноябри соли 2012). [Матн] – Қӯрғонтеппа, 2012. – С. 57-60. (ҳаммуаллиф).

[14-М] Бобоева Г.Ш. Талаботи асосӣ оид ба гузаронидани дарс аз фанни «Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ» дар низоми таҳсилоти кредитӣ / Бобоева

Г.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2013. №1 (1). - С. 96-101.

[15-М] Бобоева Г.Ш. Аҳамияти истифодаи роҳу усулҳои самаранокии таълим дар дарсҳои психология // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2013. №1 (1). – С. 127-130.

[16-М] Бобоева Г.Ш. Масъалаи муносибатҳои байни шогирду устод дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маводи конференсияи муштараки илмию амалии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ДДҚ, ДДК бахшида ба 700-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва 600-солагии Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (28-29-уми октябри соли 2014). – С. 32-35. (ҳаммуаллиф).

[17-М] Бобоева Г.Ш. Шаклҳо ва методҳои омодагии омӯзгорони оянда дар низоми таҳсилоти кредитӣ / Бобоева Г.Ш. // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав [Матн]. – Қӯрғонтеппа, 2016. №1/1 (35). – С. 65-70.

[18-М] Бобоева Г.Ш. Фазилатҳои неки омӯзгор. – Қӯрғонтеппа 2016. – 205 с. (ҳаммуаллиф).

[19-М] Бобоева Г.Ш. “Технологияи рушди салоҳиятҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барои ихтисоси 1-010202 ”Таҳсилоти ибтидоӣ” – муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии омӯзгорӣ”. Дастури таълимӣ. – Бохтар, 2020. (ҳаммуаллиф).

[20-М] Бобоева Г.Ш. Хусусиятҳои тарбияи кӯдакони нуқсондор дар оила. Маҷаллаи роҳнамои омӯзгор. Хорӯғ, 2020. (ҳаммуаллиф).

[21-М] Бобоева Г.Ш. Асосҳои технологияи педагогӣ. Маҷмуаи таълимию методӣ. Бохтар, 2021. (ҳаммуаллиф).

[22-М] Бобоева Г.Ш. Маҳорати педагогӣ. Маҷмуаи таълимию методӣ. Бохтар, 2021. (ҳаммуаллиф).

**БОХТАРСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ НОСИРА ХУСРАВА**

**УДК 378.115+376** ***На правах рукописи***

**БОБОЕВА ГУЛБАХОР ШАРИФОВНА**

# ТЕХНОЛОГИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ ВУЗОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ДИСЦИПЛИН ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ЦИКЛА В КРЕДИТНОЙ СИСТЕМЕ ОБУЧЕНИЯ

специальность 13.00.01 – Общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки)

## АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени кандитата педагогических наук

**ХУДЖАНД – 2021**

Диссертация выполнена на кафедре педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава

**Научный руководитель:** **Абдурахимзода Кудратулло Саид,** доктор педагогических наук, профессор кафедры педагогики и психологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава

**Официальные оппоненты**: **Шарипов Фаридун Файзуллаевич -** доктор педагогических наук, профессор, заведующий общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета

**Туев Шохин Шоевич-** кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой высщей математики и информатики Таджикского горно-металлургического института.

**Ведущая организация:** **Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни**

Защита диссертации состоится «____»________2021 года в _00___$^{00}$ часов на заседании диссертационного совета 6D. КОА – 027 при государственном образовательном учреждении “Худжанский государственный университет имени академика Бабаджана Гафурова” по адресу: 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Худжанд, проспект Мавлонбекова,1.

С диссертацией можно ознакомиться в центральной библиотеке государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бабаджана Гафурова» и на официальном сайте www.hgu.tj.

Автореферат разослан «____» __________ 2021 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета,**
**кандидат педагогических наук, доцент** **Бобоева С.Б.**

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА РАБОТЫ

**Актуальность темы исследования.** В условиях современного этапа социально-экономического развития общества особую актуальность приобретает проблема модернизации системы подготовки будущих учителей. Модернизация системы подготовки учителей, прежде всего, касается совершенствования содержания и формы подготовки будущих педагогов, их соответствия с мировой практикой, особенно формирования информационной компетентности, заключающейся в умении ориентироваться в многообразии информации, её переработки, связанные с предстоящей деятельностью.

В этих целях пересматривается содержание и формы подготовки будущих учителей к предстоящей деятельности, осуществляются радикальные реформы в системе высшего профессионального образования, в частности внедряется компетентностный подход.

Согласно «Стратегии развития образования на 2012-2020 гг.», принятой Правительством Республики Таджикистан, Стандарту образования, учебная программа и учебники должны пересматриваться с точки зрения компетентностного подхода. Как отмечает Основоположник мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон: «…нам необходимо прилагать больше усилий и отдавать предпочтение вопросу образования и воспитания, повышению уровня и улучшения качества обучения на всех ступенях, использовать все возможности для обеспечения качественного обучения».

Социальная потребность в целеустремленной организации работы по формированию профессиональной компетентности студентов педагогических вузов считается одной из важных задач в современных условиях нашей жизни. Данное положение исходит от действующих нормативных актов РТ (Законы «Об образовании» (2013 г.), «О высшем и последипломном образовании» (2003 г.), «Концепция национальной таджикской школы» (1994 г.), «Национальная стратегия развития высшего профессионального образования Республики Таджикистан на 2007-2015 гг.» (2007г.)).

В частности, в «Национальной стратегии развития образования до 2020 г.» подчеркнуто, что обновление содержания образования осуществляется от модели передачи знания к модели компетентностного подхода. В этом документе поясняется формирование компетентности: «Образование, ориентированное на формирование компетентности, определяет цели и задачи обучения как конечный результат, наряду с уровнем сформированности знаний, умений и навыков обучающихся».

Известно, что в любом профессиональном образовании главной проблемой считается решение задач определения, содержания и технологии формирования компетентности.

Наше исследование посвящается технологии формирования и развития профессиональной компетенции, в частности, информационной компетентности будущих учителей на занятиях предметов педагогического цикла.

Конечной целью подготовки будущих учителей является не только получение определенной суммы знаний, умений и навыков студентами, а также формирования набора ключевых компетенций, что позволит решить в будущей деятельности профессиональные задачи.

**Степень изученности и научной проработанности темы.** Не так давно появился новый термин в области образования – кредитная технология обучения. В своей научной работе Мирзоев Р.Р. утверждает: «Данная форма обучения охватила не только какое-либо определённое государство, она активно распространена во всем мире. Результатом и доказательством масштабного распространения являются исследования, издание научных статей, монографий и иной научной литературы».

Часть этих публикаций посвящена проблеме формирования ключевых компетенций по предметам социально-гуманитарного и экономического цикла в условиях кредитной системы образования.

Необходимо особо отметить такие труды: Журавлева В.В. и Журавлевой А.А - «Технологические аспекты формирования учебно-профессиональной компетентности в условиях модернизации образования», Л.А. Колмогорова - «Формирование коммуникативной компетентности личности», Б.И. Крука - «Избранные главы теории и практики дистанционного обучения», Э.Г. Скибицкого - «Развитие лингво-профессиональной компетентности студентов неязыковых вузов», Е.Н. Соломина и Шевырева Т.В. - «Инновационные пути формирования дидактических компетенций будущих олигофренопедагогов в процессе работы с современными учебными ресурсами для специальной (коррекционной) школы». Данные работы заключают в себе опыт многих исследователей в области формирования профессиональных компетенций.

Таджикистан также проводит радикальные изменения в системе высшего образования. Ведущие педагоги республики М. Лутфуллозода, Г. Бобизода «Исследовательская компетентность, ее место в системе ключевых компетенций», К.С. Абдурахимзода, Х.Н. Факеров, Т.А. Шукурзод и Ф.Ф. Шарипов «Информатизация образовательного процесса вуза - основа повышения качества подготовки будущих специалистов», Х. Маджидов, Ф.К. Рахимов, С.Х. Хабибов, Н.С. Салимов, Р. Мирзоев, С. Туронов, М. Рахмонкулов и др. вносят всевозможные направления внедрения кредитной технологии обучения и формирования профессиональных компетенций.

Исследованию технологии кредитного обучения посвятили свои работы учёные Х. Маджидов, Р.Р. Мирзоев, М.А. Табаров. Исследователи Мирзоев Р.Р. и Рустамова Г.А. в своих исследованиях рассматривают состояние и

перспективы педагогической деятельности в условиях кредитной системы образования.

Исследования Сангинова Н.С. и Салимова Н.С. посвящены организации обучения в кредитной системе образования.

Ниматов Н.А. в своем исследовании рассматривает процесс и содержание формирования профессиональных компетенций заместителя директора, и их развитие в педагогическом процессе.

В работах Умаровой Б.Х. «Развитие профессионально-педагогической компетентности будущего учителя» по педагогической эффективности стимулирования познавательной деятельности студентов в условиях кредитной технологии образования и Рахмонкулова М. по формированию профессиональных качеств бакалавров в условиях кредитной системы образования были исследованы различные аспекты формирования профессиональных компетенций.

Со стороны Хусановой Т.К. предложена система критериев, показетелей и уровни формирования поисково-творческой деятельности студентов с привлечением большого теоретического материала.

В исследовании Гуловой Н.А. рассмотрены психолого-педагогические основы формирования профессиональных компетенций учителей начальных классов, составные компоненты педагогической компетенции и их категории.

**Противоречия мотивируюшие исследования** заключается в том, что современные возможности социально-экономической, образовательной и научной сферы Республики Таджикистан, также глобализационные процессы требуют пересмотра роли учебно-воспитательного процесса в направлении подготовки студентов к профессиональной деятельности. Особенно внедрение комплекса форм и средств организации обучения нуждается в специальном теоретическом обосновании. В условиях развития современного общества нецелесообразно при выборе форм и методов обучения ограничиваться простой репродукцией новых знаний. Отсюда возникает необходимость целенаправленного и эффективного применения других форм организации учебного процесса, как кредитная технология, компетентностный подход, формирование информационной компетенции. Особенно при кредитной системе образования обучение предметов педагогического цикла, представляют возможность формированию и развитию информационной компетенции; следовательно определяющий компетентный подход в подготовке будущих учителей.

В системе подготовки будущих учителей в современных условиях существует различные **противоречия**, выражающихся в следующих аспектах:

- наличие строгих Стандартов образования и соответственно единые учебные планы, программы и учебники, мало воздействующие на развитие информационной компетенции и необходимостью всемерного её развития;

- строгие установки силлабусов относительно формы учебной работы, ограничивающие творческий подход учителей к выбору различных форм и методов работы с источниками учебной информации и необходимость

применения различных видов учебной деятельности по развитию информационной компетентности.

